**“Тасдиқ шудааст”**
Бо қарори Шӯрои нозирони
Хазинаи суғуртаи амонату
пасандозҳои Тоҷикистон
№ 10, аз «14» ноябри 2024с.

# Тартиби ҳамкорӣ бо бонк-агент ҳангоми пардохти ҷубронпулии суғурта

Тартиби ҳамкорӣ бо бонк-агент ҳангоми пардохти ҷубронпулии суғурта (минбаъд - Тартиб) дар асоси моддаҳои 6 ва 30 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» (минбаъд - Қонун) таҳия гардида, тартиби ҳамкории Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд - Хазина) ва бонк-агентро ҳангоми пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон муайян менамояд.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Тартиби мазкур баҳри таъмини амалиётҳои мувофиқашудаи Хазина ва бонк-агент дар рафти ташкил ва гузаронидани пардохти ҷубронпулии суғурта, инчунин таъмини хизматрасонии босифати пасандоздорони ташкилоти қарзии барҳамдодашуда - иштирокчии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, ки дар он ҳолати суғуртавӣ ба вуқуъ омадааст (минбаъд – ташкилоти қарзии барҳамдодашуда) ва баҳри ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо равона карда шудааст.

2. Тартиб қоидаҳои умумии ташкили раванди омодагӣ ва пардохти ҷубронпулии суғуртаро аз ҷониби бонк-агент, ҳисоббаробаркунӣ байни Хазина ва бонк-агент, пешниҳоди ҳисоботҳо ва дигар ҳуҷҷатҳоро аз ҷониби бонк-агент, инчунин тартиби назорати аз тарафи бонк-агент риоя гардидани шартҳои созишномаи агентӣ ҳангоми пардохти ҷубронпулии суғурта, ки байни Хазина ва бонк-агент баста шудааст (минбаъд - Созишномаи агентӣ), танзим менамояд.

3. Мутобиқи Тартиби мазкур бонк-агент ин ташкилоти қарзие мебошад, ки тибқи санадҳои меъёрии Хазина дар бораи интихоби бонк-агент ғолиби озмун дониста шуда, аз ном ва аз ҳисоби Хазина мувофиқи Феҳристи пасандоздорони ташкилоти қарзии барҳамдодашуда аризаҳои пасандоздорон ё намояндаи қонунии онҳоро оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта (минбаъд – аризаҳои пасандоздорон) қабул менамояд ва ҷубронпулии суғуртаро ба онҳо пардохт мекунад.

4. Ҳуқуқ ва уҳдадории бонк-агент дар рафти қабули аризаҳои пасандоздорон оид ба пардохти ҷубронпулӣ мутобиқи Қонун ва Созишномаи агентӣ тибқи намунаи замима ба Тартиби мазкур муайян карда мешавад.

5. Талабот нисбат ба раванди қабули аризаҳои пасандоздорон, баррасии ҳуҷҷатҳои қабулшуда, тартиби ҳалли баҳсҳо оид ба андозаи ҷубронпулӣ ва пардохтҳо, тибқи Тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ ва дигар санадҳои меъёрии дохилии Хазина муқаррар карда мешаванд.

6. Тартиби интихоби бонк-агент бо санадҳои меъёрии Хазина дар бораи интихоби бонк-агент муқаррар карда мешавад.

## 2. Омодагӣ ба пардохти ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда

7. Бонк-агент қабл аз оғоз гардидани пардохти ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда бояд корҳои зеринро иҷро намояд:

– дар сатҳи зарурӣ шинос шудан бо талаботҳои Тартиби мазкур, Созишномаи агентӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшудаи Хазина;

– муайян намудани ҷойи қабули аризаҳо аз пасандоздорон, бо таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз намудани ҷойҳои корӣ, ки дар онҳо ба пасандоздорон хизмат расонида мешавад;

– таъмини омодагии техникӣ барои гирифтани аризаҳои пасандоздорон ва амалӣ намудани пардохти ҷубронпулӣ;

– муқаррар кардани реҷаи кори бонк-агент дар давраи қабули аризаҳо барои пардохти ҷубронпулии суғурта ва пардохти ҷубронпулӣ;

– дар ҷойҳои корие, ки дар он хизматрасонии пасандоздорони ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда ба нақша гирифта шудааст, инчунин дар сомонаи худ дар шабакаи интернет оиди ҷой, вақт, шакл, тартиби қабули дархостҳо ва пардохти ҷубронпулии суғурта ҷойгир кардани маълумот;

– гузаронидани чорабиниҳои дигар, ки барои қабули аризаҳо ва пардохти ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда заруранд, инчунин омӯзиши кормандоне, ки бевосита дар раванди хизматрасонии пасандоздорони ташкилоти қарзии барҳамдодашуда иштирок менамояд.

8. Хазина ба бонк-агент Феҳристи пасандоздорони ташкилоти қарзии барҳамдодашударо (минбаъд - Феҳрист), инчунин дар ҳолати зарурӣ тағйиру иловаҳоро ба он бо нишон додани маблағи ҷубронпулии суғурта аз рӯи амонату пасандозҳои ҳар як пасандоздор, ки бояд пардохт карда шавад, пешниҳод менамояд ва ё дастрасии фосилавӣ ба маълумоти дар Феҳрист мавҷудбударо ба бонк-агент тибқи тартиби муқарраркардаи Хазина таъмин менамояд.

9. Дар ҳолати аз ҷониби ташкилоти қарзии барҳамдодашуда дар муҳлатҳои дар Қонун муқарраршуда пешниҳод накардани Феҳрист ё дар ҳолати аз ҷониби Хазина эътироф накардани Феҳристи пешниҳодшуда, Хазина бонк-агентро оид ба тамдиди муҳлати иҷрои ухдадориҳои он аз рӯи Созишномаи агентӣ мутобиқи тартиби дар Созишномаи агентӣ пешбинишуда огоҳ менамояд.

## 3. Интиқоли маблағҳои пулӣ ба бонк-агент

10. Барои пардохти ҷубронпулии суғурта аз рӯи пасандозҳои суғурташуда, Хазина ба бонк-агент маблағҳои пулиро тибқи тартиб ва муҳлатҳои дар Созишномаи агентӣ пешбинишуда интиқол медиҳад.

11. Маблағҳои пулӣ барои пардохти ҷубронпулии пасандозҳои суғурташуда метавонад ба бонк-агент тибқи Созишномаи агентӣ қисм ба қисм дар шакли транш интиқол дода шавад.

## 4. Пардохти ҷубронпулии пасандозҳои суғурташуда аз ҷониби бонк-агент

12. Пардохти ҷубронпулии пасандозҳои суғурташуда аз ҷониби бонк-агент тибқи Феҳрист амалӣ карда мешавад. Пардохт дар ҳамон рӯзе, ки пасандоздор (ё намояндаи ӯ) муроҷиат кардааст, бо шарти пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки ҳуқуқи пасандоздорро барои гирифтани ҷубронпулии суғурта тасдиқ мекунад, амалӣ карда мешавад, агар дигар муҳлат дар санадҳои меъёрии Хазина пешбинӣ нашуда бошад.

13. Пардохти ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда набояд пеш аз санаи муқарраркардаи Хазина амалӣ карда шавад.

14. Пардохти ҷубронпулии суғурта дар шакли нақдӣ ё ғайринақдӣ бо роҳи интиқол ба суртаҳисоби бонкӣ, ки дар аризаи пасандоздор нишон дода шудааст, бе ситонидани комиссия ё дигар ҳаққи хизматрасонӣ аз пасандоздор амалӣ карда мешавад.

15. Бонк-агент ҳуқуқи муқаррар намудани ягон имтиёз ё афзалиятро барои пасандоздорон надорад (аз ҷумла, барои пасандоздороне, ки ҷубронпулии суғуртаро аз рӯи суртаҳисоб дар бонк-агент мегиранд), инчунин ҳуқуқ надорад ба интихоби озодонаи пасандоздор оиди ин ё он шакли гирифтани ҷубронпулии суғурта мамоният намояд.

16. Бонк-агент уҳдадор аст аз аризадиҳандае, ки бо андозаи ҷубронпулии суғурта розӣ намебошад, ариза, шартнома ё дигар ҳуҷҷатҳои иловагӣ (нусхаи онҳо), ки асоснокии талаби ӯро тасдиқ мекунад, қабул намояд. Ҳуҷҷатҳои қабулшуда (нусхаи онҳо) аз ҷониби бонк-агент барои баррасӣ ба Хазина ирсол

карда мешавад, агар тартиби дигар бо Созишномаи агентӣ муқаррар нашуда бошад.

17. Ҳамчун шакли иловагии қабули аризаҳои пасандоздорон, бо қарори Хазина қабули аризаҳо дар шакли ҳуҷҷати электронӣ бо имзои электронии рақамии пасандоздор муқаррар шуда метавонад. Шартҳо ва тартиби қабули аризаҳои пасандоздорон дар шакли ҳуҷҷати электронӣ аз ҷониби бонк-агент бо Созишномаи агентӣ муқаррар карда мешавад.

## 5. Ҳисоботдиҳии бонк-агент оид ба пардохти ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда

18. Ҳисоботдиҳӣ ба Хазина дар бораи ҷараёни пардохти ҷубронпулии суғурта бо роҳи аз ҷониби бонк-агент пешниҳоди ҳисоботи даврӣ ва/ё ҳисоботи фосилавӣ, инчунин пешниҳоди ҳисоботи ниҳоӣ амалӣ карда мешавад.

19. Давраи ҳисоботӣ барои ҳисоботҳои даврӣ тибқи Созишномаи агентӣ муқаррар карда мешавад ва набояд аз як моҳ зиёд бошад. Ҳисоботҳо дар шакле, ки дар Созишномаи агентӣ муқаррар карда шудааст, пешниҳод гардида, он маълумот дар бораи дархостҳои барои пардохти ҷубронпулии суғурта қабулшуда ва пардохтҳои дар давраи ҳисоботӣ ба пасандоздорон амалӣ кардашударо дар бар мегирад.

20. Давраи ҳисоботӣ барои ҳисоботҳои фосилавӣ тибқи Созишномаи агентӣ муқаррар карда мешавад ва набояд аз се моҳ зиёд бошад. Пешниҳоди ҳисоботҳои фосилавӣ набояд аз ду рӯзи корӣ пас аз санаи охири давраи ҳисоботӣ ва ҳисоботи ниҳоӣ – панҷ рӯзи корӣ пас аз санаи ба охир расидани пардохти ҷубронпулии пасандозҳои суғурташуда, ки бо Созишномаи агентӣ муқаррар карда шудааст, зиёд бошад.

21. Бонк-агент ҳуҷҷатҳои аслии аз аризадиҳандаҳо қабулшуда, инчунин ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи пардохти ҷубронпулии суғуртаро тибқи шартҳои Созишномаи агентӣ нигоҳ медорад ва бо дархости Хазина ба он пешниҳод менамояд. Муҳлати нигоҳдории ҳуҷҷатҳои зикршуда набояд аз панҷ сол аз рӯзи ба охир расидани пардохти ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда камтар бошад.

## 6. Пардохти ҳаққи хизматрасонии бонк-агент

22. Андозаи ҳаққи хизматрасонии бонк-агент барои пардохти ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда бо қарори Шӯрои нозирони Хазина муқаррар ва тасдиқ карда мешавад.

23. Ҳаққи хизматрасонии бонк-агент мутобиқи банди 22 Тартиби мазкур аз ҷониби Хазина ба ҳисоби бонк-агент дар ҳаҷм ва мӯҳлате, ки дар Созишномаи агентӣ пешбинӣ шудааст, гузаронида мешавад.

## 7. Назорати аз тарафи бонк-агент риоя гардидани шартҳои Созишномаи агентӣ

24. Баҳри таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорони ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда ва истифодаи мақсадноки маблағҳои захиравии Хазина барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда пешбинишуда, аз ҷониби Хазина тибқи Тартиби мазкур назорати аз тарафи бонк-агент риоя гардидани шартҳои Созишномаи агентӣ ба роҳ монда мешавад. Назорат тавассути таҳлили ҳисоботҳои бонк-агент, дигар ҳуҷҷату маълумотҳои аз бонк-агент гирифташуда ва дархостҳои ба Хазина воридшудаи пасандоздорон, инчунин дар шакли санҷиши бевосита дар маҳалли ҷойгиршавии сохторҳои бонк-агент, ки пардохти ҷубронпулии пасандозҳои суғурташударо амалӣ менамоянд, гузаронида мешавад.

25. Дар сурати ба Хазина ворид шудани шикоятҳои пасандоздорон (намояндаи онҳо) нисбати бонк-агент оиди иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартҳои Созишномаи агентӣ, аз ҷумла барои вайрон намудани мӯҳлати пардохтҳо, Хазина ҳуқуқ дорад аз бонк-агент тавзеҳотро аз рӯи масъалаи мазкур талаб намояд.

26. Ҳангоми аз тарафи бонк-агент риоя нагардидани шартҳои Созишномаи агентӣ, Хазина ҳуқуқ дорад аз ӯ талаб намояд, ки хатогиҳои ошкоршударо бартараф намояд ва барои бартараф намудан тибқи Созишномаи агентӣ мӯҳлат муқаррар намояд, инчунин зарари расонидашударо ҷуброн намояд. Дар ҳолати аз ҷониби бонк-агент роҳ додан ба хатогиҳои ҷиддӣ Созишномаи агентӣ метавонад яктарафа тибқи тартиби муқарранамудаи Созишномаи мазкур бекор карда шавад.

Замима ба Тартиб ҳамкорӣ бо бонк-агент ҳангоми пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон

**СОЗИШНОМАИ АГЕНТӢ**
**байни Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон ва бонк-агент оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон**

ш. Душанбе «___» ____________ соли 20___

Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон дар шахсияти Раис ____________ ____________ ____________, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” амал мекунад, минбаъд «Хазина» номида мешавад аз як тараф ва ташкилоти қарзии ______________________________________ дар шахсияти Раиси Раёсат ____________ ____________ ____________, ки дар асоси Оинномa амал мекунад, минбаъд «Бонк-агент» номида мешавад, аз тарафи дигар ва дар якҷоягӣ минбаъд «Тарафҳо» номида мешаванд, Созишномаи агентии (минбаъд - Созишнома) мазкурро ба имзо расониданд.

## 1. Мавзӯи Созишнома

1.1. Созишномаи мазкур тартиби муносибатҳои Хазина ва Бонк-агентро дар раванди пардохт намудани ҷубронпулии суғурта аз рӯи амонату пасандозҳои пасандоздорон (шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ) ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ, муайян менамояд.

1.2. Тибқи Созишномаи мазкур Бонк-агент ба худ уҳдадорӣ оид ба хизматрасонии хазинавӣ вобаста ба пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорон ба зимма мегирад ва Хазина уҳдадор мешавад ба Бонк-агент барои хизматрасонӣ маблағ пардохт намояд.

1.3. Пардохти ҷубронпулии суғурта аз ҷониби Бонк-агент аз ном ва аз ҳисоби маблағҳои пулии Хазина ба пасандоздорони ташкилоти қарзии барҳамдодашудаи “__________________________________” амалӣ карда мешавад.

## 2. Тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон

2.1. Бонк-агент тавассути воҳидҳои сохтории худ (саридора, филиал ва ё марказҳои хизматрасонӣ) мутобиқи Созишномаи мазкур бе ҳуқуқи додани уҳдадории худ ба шахси сеюм, ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорон пардохт мекунад.

2.2. Хазина барои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон, ба Бонк-агент дар муҳлати 2 (ду) рӯзи корӣ аз рӯзи амалӣ гардидани Созишномаи мазкур

Феҳристи пасандоздорон барои пардохти ҷубронпулии суғурта (минбаъд - Феҳристи пасандоздорон) - ро бо нишон додани мушаххасоти зерин пешниҳод мекунад:

- ному насаби пурраи пасандоздор (шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ);
- рақам ва санаи додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият;
- рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
- рақами ягонаи мушаххас (РЯМ);
- рақами телефон;
- маблағи ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор;
- минтақаи ҷойгиршавии пасандоздор.

2.3. Феҳристи пасандоздорон аз ҷониби Хазина дар шакли хаттӣ ва электронӣ (бо истифодаи воситаҳои ҳифзи иттилоот) ба Бонк-агент пешниҳод карда мешавад. Бонк-агент Феҳристи пасандоздоронро қабул мекунад ва маълумоти дар Феҳрист бударо, ки барои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон нишон дода шудааст, ба низоми иттилоотии (автоматишудаи) бонкӣ ворид месозад.

2.4.Ҳангоми ворид кардани маълумоти Феҳристи пасандоздорон ба низоми иттилоотии бонкӣ, агар Бонк-агент ягон хатогиро ошкор намояд ва ин ҳолат ба Бонк-агент имкон надиҳад, ки мувофиқи Созишномаи мазкур уҳдадориҳои худро иҷро намояд, Бонк-агент дар муддати 2 (ду) рӯзи корӣ аз рӯзи ошкор шудани хатогӣ, Хазинаро барои қабул кардани чораҳои дахлдор ба таври хаттӣ хабардор менамояд. Дар ин ҳолат, Хазина дар муҳлати на дертар аз 2 (ду) рӯзи корӣ аз лаҳзаи огоҳӣ шудан аз тарафи Бонк-агент, мушкилиҳои бамиёномадаро бартараф месозад. Бонк – агент Феҳристи пасандоздоронро танҳо баъди бартараф намудани камбудиҳо ва ворид гардидани тағйироти дахлдор қабул ва мавриди истифода қарор медиҳад.

2.5. Дар ҳолати қабул кардани Феҳристи пасандоздорон аз ҷониби Бонк-агент, иттилоот ба маълумоти воҳидҳои сохтории Бонк-агент, ки пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорон амалӣ менамоянд, дар давоми 2 (ду) рӯзи корӣ аз рӯзи қабул кардани Феҳристи пасандоздорон расонида мешавад.

2.6. Аз санаи “___” _________ соли _____ то “___” _________ соли ____ воҳидҳои сохтории Бонк-агент аризаҳои хаттӣ (ё электронии) пасандоздорон оид ба пардохти ҷубронпулии суғуртаро тибқи шаклҳои муқаррарнамудаи Замимаи 1 ба Созишномаи мазкур ва ҳуҷҷатҳои заруриро қабул мекунанд ва аз рӯи он тибқи Феҳристи пасандоздорон ва шартҳои Созишномаи мазкур ҷубронпулии суғуртаро пардохт менамоянд.

2.7 Бонк-агент дар ҷойҳои кории қабули пасандоздорон (аризадиҳандагон) барои пардохти ҷубронпулии суғурта, инчунин дар сомонаи расмӣ ва саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоии худ дар интернет, маълумотро оид ба санаи оғози пардохти ҷубронпулии суғурта, ҷой, вакт, тартиб ва муҳлати пардохт ё ин ки тамдиди санаи оғози пардохти ҷубронпулии суғурта эълон интишор менамояд.

2.8. Дар рӯзи бо ариза оид ба пардохт кардани ҷубронпулии суғурта ба Бонк-агент муроҷиат кардани пасандоздор ё намояндаи ӯ (аризадиҳанда), кормандони масъули воҳидҳои сохтории Бонк-агент (минбаъд-корманди Бонк-агент) корҳои зеринро анҷом медиҳад:

1) ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурии замимашудаи онро қабул менамояд:

- дар ҳолати муроҷиати шахси воқеӣ – ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, ки дорои РМА (рақами мушаххаси андозсупоранда) мебошад. Ҳангоми иваз шудани ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти пасандоздор, ки мушаххасоти он дар шартномаи пасандози бонкӣ, суратҳисоби амонатии бонкӣ ва дар Феҳристи пасандоздорон қайд

гардидааст, маълумотномаи мақомоти ваколадор, ки ивази ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсиятро бо дарҷи мушаххасоти ҳуҷҷати ивазшуда ва азнавдодашуда тасдиқ менамояд;

- дар ҳолати муроҷиати намояндаи шахси ҳуқуқӣ – ваколатномаи тасдиқшуда бо имзои роҳбар ва ё шахсони дигари тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ба он ваколатдор ва гузоштани муҳри ташкилот (ба истиснои намояндае (намояндагоне), ки аз номи шахси ҳуқуқӣ бе ваколатнома амал карданро дорад (доранд) ва маълумот оид ба ӯ (онҳо) дар Феҳристи пасандоздорон вуҷуд дорад), ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ва маълумотнома дар хусуси оне, ки нисбат ба шахси ҳуқуқӣ расмиёти муфлисшавӣ ҷорӣ карда шудааст ё нашудааст;

- дар ҳолати муроҷиати намояндаи қонунии пасандоздор (волидайн, фарзандхондагон) – ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, нусхаи шаҳодатнома дар бораи таваллуди кӯдак, ки ба фоидаи он шартномаи суратҳисоби амонату пасандоз кушода шудааст (барои ноболиғони ба синни чордаҳ нарасида), шаҳодатномаи фарзандхондӣ (барои фарзандхондагон);

- дар ҳолати муроҷиати намояндаи қонунии пасандоздор (васӣ, парастор) – ҳуҷҷати мақоми ваколатдор дар бораи таъин гардидани васӣ (парастор);

- дар ҳолати муроҷиати меросгир – ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи ӯ ба мерос (шаҳодатнома, санади судӣ) аз рӯи амонату пасандози пасандоздори фавтида;

- дар ҳолати муроҷиати вориси ҳуқуқӣ – ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ва ҳуҷҷати тасдиққунандаи гузашти ҳуқуқи талаб аз рӯи амонату пасандоз ба вай;

- дар ҳолати муроҷиати намояндаи пасандоздор (шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ), намояндаи меросгир, намояндаи вориси ҳуқуқӣ – ваколатномаи ба таври нотариалӣ тасдиқшуда бо дарҷи мушаххасоти тасдиққунандаи шахсияти пасандоздор, ки ҳуқуқи аз номи пасандоздор амал карданро барои гирифтани ҷубронпулӣ медиҳад (ба истиснои шахсе, ки аз номи пасандоздор, меросгир, вориси ҳуқуқӣ бе ваколатнома амал карданро дорад);

- дар ҳолати муроҷиати мудир (ё намояндаи вай дар асоси ваколатнома), ки аз ҷониби суд барои гузаронидани расмиёти муфлисшавӣ (барҳамдиҳӣ ва ё шакли дигари қатъи фаъолияти шахси ҳуқуқӣ) нисбати шахсони воқеӣ (соҳибкори инфиродӣ) ва ё ҳуқуқӣ (субъектии соҳибкории хурд ё таҳкилоти ғайритиҷоратӣ) таъин карда шудааст – ҳалномаи дахлдори суд бо талаби пардохти ҷубронпулӣ.

Дар мавриди пешниҳод карда натавонистани ҳуҷҷатҳо дар шакли аслӣ, ки ҳуқуқи гирифтани ҷубронпулии суғуртаро тасдиқ менамояд (шаҳодатномаи ҳуқуқи мерос, санадҳои судӣ ва ғ.) иҷозат дода мешавад, ки нусхаи нотариалӣ ё нусхаи аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки бо муҳри ин мақомот тасдиқ шудааст, пешниҳод карда шавад.

2) санҷиши мувофиқати маълумоти дар ариза пешниҳодшударо бо маълумоти Феҳристи пасандоздорон мегузаронад;

3) ҳангоми иваз шудани ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти пасандоздор, ки мушаххасоти он дар шартномаи пасандози бонкӣ, суратҳисоби амонатии бонкӣ ва дар Феҳристи пасандоздорон қайд гардидааст, маълумотномаи мақомоти ваколадор, ки ивази ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсиятро бо дарҷи мушаххасоти ҳуҷҷати ивазшуда ва азнавдодашуда тасдиқ менамояд, месанҷад;

4) ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунандаи пасандоздор ё намояндаи ӯ (аризадиҳанда)-ро бо муайяннамоии муносибати ӯ ба пасандоздор меомӯзад ва нусхаи онро мегирад;

5) санҷиши пасандоздорро аз рӯи Феҳристи пасандоздорон дар пойгоҳи маълумоти Бонк-агент бо мақсади истисноi қаблан пардохт кардан ё накардани ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорро мегузаронад;

6) дар мавриди дуруст будани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда бо Феҳристи пасандоздорон ва тасдиқи ҳуқуқи талаби пасандоздор (аризадиҳанда), маблағи ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздор ё намояндаи ӯ (аризадиҳанда) пардохт мекунад;

7) пас аз пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор, дар Феҳристи пасандоздорон оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта қайд мегузорад;

8) дар ҳолати зарурӣ метавонад дигар амалҳои дар Созишномаи мазкур зикршударо анҷом диҳад.

2.9. Пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор ё намояндаи ӯ (аризадиҳанда) аз тарафи Бонк-агент дар муҳлати на дертар аз 3 (се) рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурие, ки ҳуқуқи пасандоздор ё намояндаи ӯ (аризадиҳанда)-ро барои ба ӯ пардохт кардани ҷубронпулии суғурта тасдиқ мекунад, ба истисноi ҳолатҳо пешбининамудаи бандҳои 2.13. ва 2.15. Созишномаи мазкур, тибқи Феҳристи тасдиқшудаи пасандоздорон ба таври нақдӣ ва ё ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад, аз ҷумла:

- аз рӯи амонату пасандозҳои шахсони воқеӣ (ба истисноi соҳибкорони инфиродӣ) тариқи нақдӣ ё ғайринақдӣ бо роҳи интиқоли маблағ ба суратҳисоби бонкии дар ариза нишон дода шуда;

- аз рӯи амонату пасандозҳои соҳибкорони инфиродӣ тариқи ғайринақдӣ бо роҳи интиқоли маблағ ба суратҳисоби бонкии барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ кушодашуда, ки дар ариза нишон дода шудааст (дар сурати қатъ гардидани фаъолияти соҳибкорӣ ба суратҳисоби бонкии дар ариза нишон додашуда бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунандаи қатъи амали шаҳодатномаи фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ);

- аз рӯи амонату пасандозҳои шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ тариқи ғайринақдӣ бо роҳи интиқоли маблағ ба суратҳисоби бонкии дар ариза нишон додашуда.

- аз рӯи амонату пасандозҳои соҳибкорони инфиродӣ ва ё шахсони ҳуқуқии суғурташуда, ки шахсони мазкур бо ҳалномаи судӣ ғайри қобили пардохт (муфлис) эътироф шуда бошанд, ба таври ғайринақдӣ бо роҳи интиқоли маблағ ба суратҳисоби махсуси бонкӣ, ки дар рафти расмиёти муфлисшавӣ кушода шудааст ва аз ҷониби мудири таъиншуда дар ариза нишон дода шудааст.

2.10. Пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон танҳо бо пули миллӣ – сомонӣ амалӣ карда мешавад.

2.11. Дар ҳолати аз ҷониби пасандоздор пешниҳод шудани дархост барои гузоштани маблағи ҷубронпулии суғурта дар худи Бонк-агент, корманди Бонк-агент мутобиқи санадҳои меъёрии дохилии Бонк-агент ба пасандоздор суратҳисоби пасандозиро мекушояд.

2.12. Нисбати ҳар як ҳолати пардохти ҷубронпулии суғурта, бонк-агент парвандаи пасандоздорро ташкил медиҳад, ки он аз ҳуҷҷатҳои зерин иборат мебошад:

1) ҳангоми муроҷиати пасандоздор - шахси воқеӣ:

- аризаи аслии пасандоздор;

- нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти пасандоздор;

- нусхаи ҳуҷҷати пардохт, ки дар он маблағи пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор нишон дода шудааст;

- тасдиқномаи бонк-агент, ки дар он рақами ҳисоби бонкии пасандоздор нишон дода шудааст (дар ҳолати пардохти ғайринақдӣ);

2) ҳангоми муроҷиати пасандоздор - шахси ҳуқуқӣ:

- ваколатномаи намояндаи шахси ҳуқуқӣ (ба истиснои шахсе, ки аз номи пасандоздор бе ваколатнома амал карданро дорад);

- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти намоянда;

- маълумотнома дар хусуси оне, ки нисбат ба шахси ҳуқуқӣ расмиёти муфлисшавӣ ҷорӣ карда шудааст ё нашудааст.

- нусхаи ҳуҷҷати пардохт, ки дар он маблағи пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор нишон дода шудааст;

- тасдиқномаи бонк-агент, ки дар он рақами ҳисоби бонкии пасандоздор нишон дода шудааст (дар ҳолати пардохти ғайринақдӣ);

3) ҳангоми муроҷиати намояндаи пасандоздор (аризадиҳанда):

- нусхаи аслии аризаи намояндаи пасандоздор (аризадиҳанда);

- нусхаи ҳуҷҷати шахсияти пасандоздорро тасдиққунанда;

- нусхаи ҳуҷҷати шахсияти намояндаи пасандоздор (аризадиҳанда)-ро тасдиққунанда;

- нусхаи ҳуҷҷате, ки ҳуқуқи гирифтани ҷубронпулиро ба намояндаи пасандоздор (аризадиҳанда) тасдиқ менамояд;

- нусхаи ҳуҷҷати пардохт, ки дар он маблағи пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор нишон дода шудааст;

- тасдиқномаи бонк-агент, ки дар он рақами ҳисоби бонкии пасандоздор нишон дода шудааст (дар ҳолати пардохти ғайринақдӣ);

- дигар ҳуҷҷатҳои муайянкунанда ё нусхаи онҳо.

2.13. Аз ҷониби Бонк-агент қарор дар бораи рад кардани пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор дар ҳолатҳои зерин қабул карда мешавад ва пардохти ҷубронпулии суғурта то равшан гардидани ҳолат боздошта мешавад:

- ба Хазина пешниҳод накардан, нопурра пешниҳод кардан ё пешниҳоди ҳуҷҷатҳои нодуруст ба расмият даровардашуда, ки дар бандҳои 2.8 Созишномаи мазкур пешбинӣ шудаанд (дар ин сурат аризадиҳандаро зарур аст ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи асоснокии талаби гирифтани ҷубронпулии суғуртаро тибқи тартиби муқарраршуда пешниҳод намояд);

- нопурра будан ё набудани маълумот дар ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардаи пасандоздорон, ки барои қабули қарор зарур мебошад;

- мавҷуд набудан ё мувофиқ набудани маълумот дар бораи пасандоздор дар Феҳристи пасандоздорон ё дар Феҳристи мазкур мавҷуд набудани маълумот дар бораи шахсе, ки ҳуқуқи бе ваколатнома аз номи шахси ҳуқуқӣ амал карданро дорад ва он барои пардохти ҷубронпулӣ муроҷиат кардааст (барои шахсони ҳуқуқӣ);

- бо талаби пардохти ҷубронпулӣ муроҷиат намудани намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқи бе ваколатнома аз номи ин шахси ҳуқуқӣ амал карданро дорад, агар тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқии мазкур пешбинӣ шуда бошад, ки ваколати аз номи он амал кардан ба якчанд шахсоне, ки якҷоя амал мекунанд, дода шуда бошад ва дар ин бора маълумот дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ мавҷуд бошад;

- ғайриимкон будани пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иловагӣ, ки асосмандии талаби пасандоздорро тасдиқ менамояд.

2.14. Қарор дар бораи рад кардани пардохти ҷубронпулӣ аз ҷониби корманди Бонк-агент, ки барои қабул ва ё баррасии ариза оиди пардохти ҷубронпулӣ масъул аст, қабул карда мешавад ва дар ин бора дар дафтари электронии қайди радди пардохти ҷубронпулӣ (бо дарҷи сана ва сабаби рад) тибқи шакли замимаи 2 ба Созишномаи мазкур маълумот ворид карда мешавад.

2.15. Дар ҳолати ба миён омадани масъалаҳои баҳсталаб ва мурофиатҳо оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта, ки дар ҷояш ҳал карда намешавад, корманди Бонк-агент ҳуҷҷатҳои пасандоздор ва шакли пуркардашудаи мурофиат аз рӯи масъалаҳои пардохти ҷубронпулиро (Замимаи 3 ба Созишномаи мазкур) қабул менамояд ва дар охири рӯзи корӣ нусхаи онҳоро ба Хазина дар шакли электронӣ ирсол менамояд.

Хазина дар давоми 3 (се) рӯзи корӣ аз санаи қабул нусхаи ҳуҷҷатҳои пасандоздоронро дида баромада, Бонк-агентро оид ба қарори қабулгардида дар шакли электронӣ хабардор мекунад. Дар ҳолати тасдиқ нашудани талаби пасандоздор, Хазина пасандоздорро тавассути Бонк-агент дар бораи рад кардани пардохти ҷубронпулии суғурта бо нишон додани сабабҳои он огоҳ мекунад. Хазина дар ҳолати қабул кардани қарори мусбат оид ба пардохт кардани ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор ба Бонк-агент барои пардохт дастур медиҳад. Дар ҳолати зарурӣ барои муайян кардани маълумоти иловагӣ вобаста ба ҳуқуқи пасандоздор барои пардохти ҷубронпулии суғурта муҳлати баррасии ҳуҷҷатҳои ба ӯ пешниҳодшуда аз ҷониби Хазина метавонад тамдид карда шавад.

2.16. Пас аз гузаштани муҳлати пешниҳоди ариза тибқи банди 2.6. Созишномаи мазкур, уҳдадориҳои Бонк-агент дар назди Хазина дар асоси Созишномаи иловагии ба имзо расидаи Тарафҳо муайян карда мешавад.

## 3. Тартиби интиқоли маблағ барои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ва ҷуброни ҳароҷотҳои бонк-агент

3.1. Бонк-агент пас аз 1 (як) рӯзи ба имзо расонидани Созишномаи мазкур ба Хазина барои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии барҳамдодашуда суратҳисоби махсус мекушояд.

3.2. Хазина ба суратҳисоби махсуси дар Бонк-агент кушодашуда маблағро барои пардохти ҷубронпулии суғурта қисм ба қисм (бо траншҳои алоҳида) дар асоси дархост тибқи Замимаи 4 ба Созишномаи мазкур, марҳила ба марҳила бо тартиби зерин мегузаронад:

- пардохти аввала дар ҳаҷми ____ фоизи маблағи умумии ҷубронпулӣ;
- пардохти дуюм дар ҳаҷми ____ фоизи маблағи умумии ҷубронпулӣ;
- пардохти сеюм дар ҳаҷми ____ фоизи маблағи умумии ҷубронпулӣ.

3.3. Ҳаққи хизматрасонии Бонк-агент барои иҷрои уҳдадориҳо аз рӯи Созишномаи мазкур аз ҷониби Хазина дар ҳаҷми ___% маблағи пардохти ҷубронпулии ба пасандоздорон пардохтшуда бо назардошти андоз ва тамоми хароҷотҳои Бонк-агент, пардохт карда мешавад.

3.4. Пас аз ба имзо расидани Санади ҷамъбастии муқоисавии ҳисоббаробаркунии дутарафа оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон, Бонк-агент дар муҳлати 2 (ду) рӯзи амалиётӣ маблағи ҷубронпулии ба пасандоздорон пардохтнашуда ва бақияи маблағи барои ҳаққи хизматрасонӣ гирифташударо ба Хазина бармегардонад.

## 4. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои Тарафҳо

**4.1. Бонк-агент уҳдадор аст:**

1) бо дархости Хазина дар саридораи Бонк-агент суратҳисоби махсус бо сомонӣ барои гузаронидани маблағи пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон кушояд. Дар як моҳ як маротиба ба Хазина нусхабардории ҳаррӯзаи ҳисоби махсусро диҳад ва ҳармоҳа бо тартиб додани Санади муқоисавӣ дар санаи охири моҳи ҳисоботӣ маблағҳои дар ҳисоби махсус бударо муқоиса кунад;

2) чорабиниҳоро ҷиҳати омодагӣ барои пардохти маблағи ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон гузаронад, аз ҷумла қабули ариза, коркард ва баррасии он, дастур ва сафарбар намудани кормандони Бонк-агент, ҷойгир кардани маълумот оид ба ҷой, вақт, намуна, тартиби қабули ариза ва пардохти ҷубронпулии суғурта дар ҷойҳои (утоқҳои) хизматрасонӣ, инчунин сомона ва дигар воситаҳои дахлдори худ;

3) рӯйхати воҳидҳои сохтории худро (суроғаҳои онҳо, соатҳои корӣ) дар давраи пардохти ҷуброн тибқи Замимаи 5 Созишномаи мазкур омода ва пешниҳод кунад;

4) аз санаи “___” ________ соли 20__ пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорони ташкилоти қарзии барҳамдодашуда оғоз намояд;

5) бо дархости пасандоздор ба ӯ иқтибос (беруннавис) аз Феҳристи пасандоздорон оид ба маблағи ҷубронпулии суғурта, нусхаи дуюми ариза ё нусхаи аризаро, ки ҳолати қабули ариза ва ҳуҷҷатҳои иловагиро тасдиқ менамояд, пешниҳод намояд;

6) мутобиқи тартиб ва муҳлатҳои муқарраршудаи Созишномаи мазкур тавассути воҳидҳои сохтории худ ба пасандоздорон пардохти ҷубронпулии суғуртаро бидуни гирифтани маблағи иловагӣ ва (ё) дигар подошпулӣ, амалӣ намояд;

7) ба Хазина ҳисобот оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздоронро:

- ҳар ҳафта рӯзи сешанбе на дертар аз соати 14:00 тибқи Замимаи 6 ба Созишномаи мазкур дар шакли электронӣ пешниҳод намояд;
- ҳар семоҳа ба Хазина ҳисоботи фосилавиро тибқи Замимаи 7 ба Созишномаи мазкур дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод намояд;
- ҳангоми ба охир расидани муҳлате, ки дар банди 2.6.-и Созишномаи мазкур муқаррар гардидааст ҳисоботи ҷамъбастиро тибқи Замимаи 8 ба Созишномаи мазкур дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод намояд.

8) ҳангоми ба охир расидани муҳлате, ки дар банди 2.6.-и Созишномаи мазкур муқаррар гардидааст, маблағи нагирифтаи пасандоздоронро ба Хазина бо роҳи интиқол ба суратҳисоби бонкии Хазина, аз рӯи мушаххсоти бонкие, ки дар боби 11 Созишномаи мазкур нишон дода шудааст, баргардонад;

9) ҳуҷҷатҳои аслии пасандоздоронро оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта, ба Хазина дар асоси санад ва муҳлати дар Созишномаи мазкур пешбинишуда пешниҳод намояд;

10) дар ҳолати роҳ додан ба хатогӣ, аз ҷумла пардохт намудани маблағи ҷубронпулии суғуртавӣ, ки аз маблағи дар Феҳрист муайяншуда зиёд аст, маблағи хато пардохт кардашударо ба Хазина баргардонад.

**4.2. Хазина уҳдадор аст:**

1) дар давоми 2 (ду) рӯзи корӣ аз рӯзи амалӣ гардидани Созишномаи мазкур ба Бонк-агент Феҳристи пасандоздоронро дар шакли электронӣ бо тартиби муқарраргардидаи бандҳои 2.2. - 2.5. Созишномаи мазкур пешниҳод намояд;

2) маблағи барои пардохти ҷубронпулии суғуртаро тибқи тартиби бандҳои 3.1. ва 3.2. Созишномаи мазкур ба суратҳисоби Бонк-агент интиқол диҳад;

3) ҳаққи хизматрасонии Бонк-агентро мутобиқи тартиб ва шартҳои муқарраргардидаи банди 3.3. Созишномаи мазкур пардохт намояд;

4) ариза ва ҳуҷҷатҳои пасандоздоронро, ки Бонк-агент пешниҳод кардааст, дар мӯҳлатҳои муқарраршудаи Созишномаи мазкур дида бароял ва аз натиҷаи он Бонк-агентро хабардор намояд;

5) баҳри таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорони ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда ва истифодаи мақсадноки маблағҳои захиравии Хазина барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда пешбинишуда, оиди аз тарафи бонк-агент риоя гардидани шартҳои Созишномаи агент назорат барад.

4.3. Баъди аз тарафи Бонк-агент ба итмом расонидани пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон, Тарафҳо уҳдадоранд, ки дар давоми 30 (сӣ) рӯзи корӣ аз рӯзи ба охир расидани мӯҳлати пардохти ҷубронпулии суғурта, ки дар Созишномаи мазкур муқаррар шудааст, санади муқоисавии ҳисоббаробаркунии дутарафаро оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон тибқи шакли муқаррарнамудаи Замимаи 9 ба Созишномаи мазкур ба имзо расонанд.

4.4. Дар ҳолати ба Хазина ворид гардидани арзу шикоятҳои пасандоздорон ё намояндагони онҳо нисбати риоя ва ё иҷро нагардидани шартҳои Созишномаи мазкур аз ҷониби Бонк-агент, Хазина ҳуқуқ дорад аз Бонк-агент аз рӯи ин масъалаҳо маълумот гирад ва ҷиҳати рафъи камбудиҳои ошкоршуда мӯҳлат муқаррар намояд.

4.5. Дар ҳолати иҷро накардан ва/ё ба таври зарурӣ иҷро накардани уҳдадориҳо аз ҷониби Бонк-агент мутобиқи Созишномаи мазкур, Хазина ҳуқуқ дорад, ки Созишномаи мазкурро бо тартиби яктарафа қатъ гардонад. Санаи рад кардани Созишномаи мазкур санаи қабули мактуби огоҳии Хазина аз ҷониби Бонк-агент дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ кардани Созишномаи мазкур ҳисобида мешавад.

## 5. Махфият

5.1. Шартҳои Созишномаи мазкур, ҳамчунин маълумоти молиявӣ, тиҷоратӣ ва дигар маълумоти хусусияти сирри бонкӣ буда, бояд аз ҷониби Тарафҳо фош нагарданд.

5.2. Тарафҳо барои ҳифзи чунин маълумот ва таъмини қоидаҳои махфият мутобиқи қонунгузорӣ чораандешӣ мекунанд.

5.3. Ифшои маълумоти ба Созишномаи мазкур вобастабуда метавонад танҳо дар ҳолатҳои муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардад.

## 6. Масъулияти Тарафҳо

6.1. Барои иҷро накардан ва/ё ба таври зарурӣ иҷро накардани уҳдадориҳои худ аз рӯи Созишномаи мазкур, Тарафҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

6.2. Дар ҳолати аз тарафи корманди Бонк-агент хато пардохт кардани маблағ, Хазина масъулият намебарад ва хароҷотҳои Бонк-агентро ҷуброн намекунад.

## 7. Ҳолатҳои рафънопазир

